5.6.5 [07.00.09] ТАЪРИХНИГОРӢ, МАЪХАЗШИНОСӢ ВА РАВИШИ ТАДҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ
5.6.5 [07.00.09]ИСТОРИОГРАФИЯ, ИСТОЧНИКОВЕДЕНИЕ МЕТОДЫ ИСТОРИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ
5.6.5 [07.00.09]HISTORIOGRAPHY, SOURCE STUDIES AND METHODS OF HISTORICAL RESEARCH

***ТДУ 9т (09)***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-49-58***

# *ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ФАРҲАНГИИ ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ (с.1929-1941)*

***Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна,*** *н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (Тоҷикистон, Душанбе)*

# *ОТРАЖЕНИЕ ПРОБЛЕМ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКСКОЙ ССР В ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ИСТОРИОГРАФИИ (1929-1941 ГГ.)*

***Ганджакова Матлуба Ганджаковна****, к.и.н., доцент кафедры истории таджикского народа ТГПУ им. С. Айни (Таджикистан, Душанбе)*

# *REFLECTION OF CULTURAL ISSUES OF THE TAJIK SSR IN NATIONAL HISTORIOGRAPHY (1929-1941)*

***Ganjakova Matluba Ganjakovna****, candidate of historical sciences, docent of the history department of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni (Tajikistan, Dushanbe),**E–mail:** matluba.ganchakova@bk.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *таърих, фарҳанг, таърихнигории муосир, муассисаҳои маданию равшаннамоӣ, санъат, илм, маориф, адабиёт, матбуот*

*Муаллиф дар мақола мубрамияти тадқиқи таърихи масъалаҳои фарҳангии пешазҷангии ҶШС Тоҷикистонро бо истифодаи осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар таърихнигории муосир таҳлил намудааст. Дар масоили мазкур як қатор таҳқиқоти илмӣ дар замони шӯравӣ ва соҳибистиқлолӣ ба анҷом расонида шудаанд, ки ҷанбаҳои гуногуни фарҳанги Тоҷикистони шӯравиро дар бар мегиранд. Аз мазмуни осори таҳқиқгардида маълум мегардад, ки дар панҷсолаҳои пешазҷангӣ фаъолияти муассисаҳои маданию равшаннамоӣ, санъат, илм, матбуот, адабиёт ва маориф рӯ ба тараққӣ меорад. Хусусияти хоси таҳқиқоти анҷомёфта дар он ифода меёбад, ки масъалагузории муҳаққиқон паҳлуҳои гуногуни фарҳанги ҷумҳуриро мувофиқи доираҳои хронологии муайян фаро гирифта, то андозае натиҷа ва навгониҳои асоснок пайдо намудаанд.*

***Ключевые слова:*** *история, культура, современная историография, культурно-просветительские учреждения, искусство, наука, образование, литература, печать*

*Автор данной статьи на основе анализа работ отечественных и зарубежных исследователей по изучению истории вопросов культуры Таджикской ССР в предвоенные годы считает их актуальными в современной историографии. Указывается, что по этим вопросам в советский период и в период независимости был проведен ряд научных исследований, включающих различные аспекты культуры советского Таджикистана. Из содержания исследуемых работ видно, что в предвоенные пять лет активно развивалась деятельность культурно-просветительских учреждений, искусства, науки, печати, литературы и просвещения. Особенность выполненных исследований выражается в том, что исследователями были освещены различные стороны культуры республики в соответствии с определенными хронологическими периодами и в той или иной степени были обнаружены значимые результаты.*

***Key words:*** *history, culture, modern historiography, cultural and educational institutions, art, science, education, literature, press*

*The article is devoted to the analyzes of the history of cultural issues of the Tajik SSR in the pre-war years that is common in modern historiography and has attracted the attention of domestic and foreign researchers. A number of scientific studies have been carried out on these issues during the Soviet and independence eras, which include various aspects of the culture of Soviet Tajikistan. From the content of the researched works, it is clear that in the five years before the war, the activities of cultural and educational institutions, art, science, press, literature and education were developing. The peculiarity of the completed studies is expressed in the fact that the researchers covered various aspects*

*of the republic's culture in accordance with certain chronological periods, and to some extent found significant results and innovations.*

Омӯзиш ва тадқиқи масоили фарҳангии пешазҷангии ҶШС Тоҷикистон дар таърихнигории ватанӣ мавқеи муҳимро ишғол намуда ва маълум мегардад, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ аллакай замина дар давраи мухторият барои рушди фарҳанг ба вуҷуд омада аст, ки раванди он дар осори муҳаққиқон инъикос ёфтааст. Фарҳанг воқеан инъикоскунандаи ҳастии миллат буда, таърихи ягон давлати соҳибтамаддун бе заминаи устувори илмиву фарҳангӣ пойдор намемонад. Миллати соҳибфарҳанги тоҷик, ки ҳазорҳо сол қабл дорои низоми хосаи давлату давлатдорӣ ва пойтахтҳои ободу фарҳангпарвар буд, бо оини деринаи шаҳрсозиву шаҳрдорӣ, бунёди марказҳои бузурги илмию фарҳангӣ шӯҳрати оламгир ёфтааст. Аз ин ҷиҳат кӯшиш намудем, ки дар доираи чорчӯбаи муайяни хронологӣ ва масъалагузории мушаххас таърихнигории фарҳанги ҶШС Тоҷикистонро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор диҳем.

Вақте сухан роҷеъ ба баррасии масоили фарҳангии ҷумҳурӣ меравад, дар таърихнигории ватанӣ саҳм ва хизмати муҳаққиқон З. Ш. Раҷабов, М. Р. Шукуров, Е.С. Шагалов, Р. М. Масов, Ҳ. Ғ. Ҳайдаров, И. О. Обидов, Т.В. Каширина, Ш. М.Султонов, Н. М. Назаршоев, Н. Нурҷонов, Ф. Кароматов, Н. К. Убайдуллоев, Ш. Собиров, Л.Н.Додхудоева, Б.Т.Қобилова,Қ. Расулов,С.А.Абдуллоев,А.И.Усмонов ва дигарон арҷгузорӣ мегардад, ки дар таҳқиқи масъалагузориҳои гуногунҷанбаи фарҳангӣ нақш гузоштаанд.

Дар ҳаёти фарҳангии солҳои сиюми асри XX таъсири идеологии ҷомеаи сотсиалистӣ ва Ҳизби коммунистӣ бештар буд. Бо чунин мазмун дар асари бунёдии дастҷамъонаи "Таърихи халқи тоҷик. Ҷ. V. (1917-1941)" [9,с.619] оварда шудааст, ки аз соли 1930 баъди баргузор гардидани анҷумани XVI ҲК(б)-и Иттиҳоди шӯравӣ ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ зери таъсири афкори замони мазкур қарор гирифта шуд. Маводи анҷумани XVI ҲК (б) – и иттиҳод асоси қарорҳои анҷумани муассисони ҲК Тоҷикистон ва як қатор қарорҳои КМ ҲК Тоҷикистон гардид. Тибқи қарорҳои мазкур «ҳуҷуми васеи сотсиализм дар тамоми ҷабҳаҳо» оғоз гардид. Мебоист, тарғиби ҳаматарафаи ақидаҳои марксизм – ленинизм, мубориза ба муқобили боқимондаҳои кӯҳна, махсусан дин, ақибмондагии фарҳангию сиёсӣ, тарбияи коммунистӣ, мубориза муқобили қувваҳои буржуазӣ ва бисёр чорандешиҳои дигар ба роҳ монда мешуд [9, с. 619].

Барои дар амал татбиқ намудани хусусияти ғоявии ҷомеаи шуравӣ ва ҳизби Коммунистӣ маҳфилҳои ҳизбию сиёсӣ амал менамуданд. Марбут ба масоили рузмарравии зикршудаи даврони мазкур дар асари дастҷамъонаи "Очерки таърихи ҳизби Коммунистии Тоҷикистон" оварда шудааст, ки соли 1937 дар Тоҷикистон аллакай 273 маҳфили сиёсӣ амал менамуд, ки 151 адади он ба омӯзиши таърихи ҳизб, 38 таърихи ҲКУ (б), 2 то ба асари марксизм-ленинизм ва 22 масъалаи мавзӯӣ- сиёсӣ бо фарогири 7477 нафар фаъолият менамуд [17,с.255]. Ҳамзамон донишкадаи ғоибонаи радио лексия оид ба таърихи ҳизб, иқтисоди сиёсӣ, фалсафа, ҳаракати коммунистӣ ва коргарон таъсис ёфта буд, ки дар он соли 1936 - 211 ва соли 1937 – 300 нафар ҷалб гардидаанд [17,с.256].

Дар масъалаи мазкур А. Я. Вишневская таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом дода, қайд намудааст, ки баробари халқу миллатҳои дигар саҳми намояндагони маҳаллӣ дар таблиғи сиёсати ғоявии ҷомеа назаррас буд. Бо чунин мазмун муаллиф далелҳои мушаххасро оид ба иштироки синфи коргари маҳаллӣ дар чорабиниҳои сиёсии ҳизбӣ овардааст, ки охири солҳои сиюм дар ҷумҳурӣ 415 нафар таблиғотгар фаъолият менамуданд, ки 225 нафари он намояндаи маҳаллӣ буданд [2,с.221]. Ҳамин тавр, ба хулосае омадан лозим аст, ки дар татбиқи маданияти состиалистӣ нақши маҳфилҳои сиёсиву ҳизбӣ мувофиқи мақсад буд ва чӣ тавре ба мо маълум гардид, тавассути чунин иқдомҳо қадами нав ба ҳаёти фарҳангии сотсилистӣ гузошта шудааст.

Азбаски масоили фарҳангии ҶШС Тоҷикистон васеъ ва гуногунҷанба буда, ҳатто самтҳои маориф, илм, матбуот ва саҳми занон ба тадқиқотҳои алоҳида дар таърихнигории ватанӣ кашида шудааст ва дар доираи мақола тадқиқи кулли ҷанбаҳо ғайриимкон аст. Аз ин ҷиҳат тасмим гирифтем, ки аз нуқтаи назари таърихнигорӣ фаъолияти муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ, бахусус чойхонаҳои сурх, китобхона, осорхона, синамо ва санъати театри тоҷикро дар давраи пешазҷангӣ мавриди тадқиқот қарор диҳем. Маҳз дар ҳаёти фарҳангии нимаи дуюми солҳои 20 – ум - солҳои сиюми асри XX нақши муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ муаассир буда ва фаъолияти онҳо дар умум мавриди омӯзиш ва таҳқиқи пажухишгарон қарор гирифта, дар ин самт корҳои зиёди илмӣ – тадқиқотӣ ба анҷом расонида шудааст, ки аз рушди таърихнигории ватанӣ шаҳодат медиҳад.

Марбут ба фаъолияти муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ М. Р. Шукуров қайд менамояд, ки “дар давоми панҷсолаҳои пеш аз ҷанг шабакаи васеи муассисаҳои маданию равшаннамоӣ ба мисли чойхона-қироатхонаҳо, китобхонаҳо, клубҳо, синамо, радио, осорхонаҳо, гушаҳои сурх таъсис ёфта буданд, ки минбаъд ба манбаҳои маданияти сотсиалистии халқи тоҷик мубаддал гардидаанд” [26,с.194-195] ва дар тақвияти муҳиммияти муассисаҳо бояд иброз дошт, ки дар замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ низ нақши заминавии бархе аз онҳо дар пешбурди ҳаёти фарҳангӣ мусоидат менамоянд.

Дар асари бунёдии «История Горно-Бадахшанской автономной области. Т. 2. Новейшая история» қайд гардидааст, ки дар пешбурди фаъолияти муассисаҳои маданию равшаннамоии ҷумҳурӣ, бахусус таъсиси чойхонаҳои сурх мувофиқи мақсад буданд. Барои пешрафти ҳаёти фарҳангӣ 11 январи соли 1934 Кумитаи вилоятӣ оид ба таъсиси муассисаҳои маданию равшаннамоӣ дар ҷумҳурӣ қарор қабул намуд, ки тавассути он ҳатто дар ноҳияҳои дурдасти ВМКБ - Вахон, Ишкошим, Рушон, Бартанг, Шуғнон ва Мурғоб сохта шавад [7, с. 92] ва он дар амал татбиқ гардид.

Дар натиҷа, аз соли 1929 то 1939 танҳо дар ВМКБ теъдоди клубҳо 20, китобхона 41 ва дастгоҳи намоиши кино 5 маротиба афзун гардиданд. Аз ҷумла соли 1936 дар деҳаи Шитхарви ноҳияи Вахон клуби ноҳиявӣ кушода шуд [7, с. 92]. Аз чунин нишондодҳо ба хулосае омадан лозим аст, ки ҳатто дар дурдасттарин вилояти ҷумҳурӣ баҳри татбиқи сиёсати ҳамонвақтаи ҳизбу ҳукумат масъалаи фарҳангикунонии меҳнаткашон пиёда гардидааст.

Шумораи муассисаҳои – маданӣ равшаннамоӣ ба тадриҷ афзун гардид, гарчанде соли 1931 дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ 19 клуб, 25 чойхонаи сурх, 11 дастгоҳи кинонамоишдиҳии ҳаракаткунанда, 19 китобхона-қироатхона, 30 нуқтаи радиошунавоӣ, 43 гӯшаи сурх ва 161 мактаб-ликбез фаъолият менамуданд, аммо дар солҳои минбаъда боз ҳам зиёд гардиданд [6, с. 30].

Дар муқоиса бо осори профессор Ғ.Ҳ.Ҳайдаров оварда мешавад, ки тавассути нишондиҳандаи он дар арафаи Ҷанги Бузурги ватанӣ дар ҷумҳурӣ 512 кулуб, 1069 чойхонаҳои сурх, 1 Хонаи маданият дар Қурғонтеппа, 401 китобхонаи оммавӣ, 1 китобхонаи илмӣ ва 2 осорхона фаъолият менамуданд [21,с.187]. Чунин нишондиҳандаҳои баланд аз рушди фаъолияти муассисаҳои маданиву равшаннамоии ҷумҳурӣ дар панҷсолаҳои пеш аз ҷанг шаҳодат медиҳанд.

Чойхонаҳои сурх яке аз муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии ҷумҳурӣ мебошанд, ки дар солҳои аввали барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ хеле маъмул буданд ва боиси тазаккур аст, ки фаъолият ва аҳамияти онҳо дар асарҳои таърихӣ таҷассум ёфтааст. Б. Сафаралиев дар тадқиқоти монографиаш менависад, ки дар байни муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ чойхонаҳои сурх хеле маъмул буданд ва қайд менамояд, ки аввалин маротиба соли 1918 дар Хуҷанд таъсис ёфта ва то соли 1924 беш аз 20 адади он дар округи Хуҷанд, аз ҷумла дар ноҳияхои Конибодом, Ашт ва Исфара фаъолият менамуданд [19,с.34]. Муаллиф илова менамояд, ки фаъолияти чойхонаҳои сурх дар тарғиби сиёсати ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри дар амал татбиқнамоии қарорҳои сиёсӣ ва сохтмони фарҳангӣ мувофиқи ҳадаф буданд [19, с. 58].

Бо чунин маъно М. Р. Шукуров қайд менамояд, ки моҳи сентябри соли 1935 барои баланд бардоштани дараҷа ва сифати фаъолияти чойхонаҳои сурх Маҷлиси машваратии якуми ҷумҳуриявии мудирони чойхонаҳои сурх баргузор гардид. Пеш аз ҳама ба масъалаи тайёр намудани коркунони чойхонаҳои сурх диққат дода шуда, дар солҳои 1935-1936 курсҳои кутоҳмуддат, семинарҳо ва техникуми маданӣ-равшаннамоиро 300 нафар коркунони чойхонаҳои сурх хатм намуданд [26,с.208].

Роҷеъ ба теъдод, фаъолият ва натиҷаи онҳо М. Р. Шукуров овардааст, ки дар солҳои 1936-1937 теъдоди чойхонаҳои сурх ба 529 адад расид, ки 141 - тои он рӯзномаҳои деворӣ мебароварданд. Дар назди 137 чойхона маҳфилҳои шоҳмот амал карда, 260 чойхона китобхонаҳои худро доштанд. Аз 529 чойхона 185 дар шаҳрҳо ва 344 дар деҳот фаъолият менамуданд. Муаллиф иброз доштааст, ки фаъолияти се чойхонаи сурхи вилояти Ленинобод, колхозҳои “Коминтерн”, “Болшевик” ва ба номи Ворошилов мувофиқи ҳадаф буда ва лоиқи таҳсин арзёбӣ гардиданд [26,с.209].

Бояд тазаккур дод, ки яке аз омилҳои асосии рушди муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ фаъолияти китобхонаҳо мебошанд. Дар омӯзиши таърихи таъсис ва фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ муаррихони ватанӣ Л.Г. Козирева, З.М. Шевченко, М.Р. Шукуров, Ш.М. Султонов, Б. Сафаралиев, А.И. Усмонов ва дигар нақш гузоштанд.

Б. Сафаралиев менависад, ки то ғалабаи инқилоб соли 1910 дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа яктогӣ китобхона фаъолият менамуданд. Роҷеъ ба таърихи таъсисёбии аввалин китобхона дар ҷумҳурӣ қайд менамояд, ки моҳи марти соли 1917 дар Хуҷанд бо ташаббуси кормандони ҳизбии Артиши Сурх китобхонаи шаҳрии назди қисмати ҳарбӣ таъсис ёфтааст [19, с.34].

М. Умарова низ дар тадқиқоти диссертатсиониаш ташкилёбии аввалин китобхонаи оммавӣ – шаҳрии Хуҷандро ба моҳи марти соли 1917 нисбат медиҳад [22,с.23] ва монанди муҳаққиқони дигар қайд менамояд, ки аз тарафи Шурои вакилони аскарону коргарон бо китоб таъмин мегардиданд ва худи ҳамон сол 150 китоб аз Тошканд равона гардид [22,с.24].

Аз рӯи қайди Б. Сафаралиев моҳи январи соли 1919 қироатхона ва соли 1920 клуби коммунистон ва китобхона-қироатхона дар Хуҷанд ифтитоҳ ёфтаанд [19,с.212].

Б. Сафаралиев илова менамояд, ки соли 1923 дар Душанбе низ бо ташаббуси қисмҳои Артиши Сурхи Қаршӣ китобхона ташкил ёфтааст, ки 3000 фонд китоб аз китобхонаи дивизияи 3 – юми тирандози Туркистон оварда шудааст [19,с.36].

Чӣ тавре, дар адабиёти таърихӣ омадааст, соли 1929 дар Тоҷикистон 11 китобхона амал менамуд, соли 1932 охири панҷсолаи аввал теъдоди онҳо ба 119 адад ва фонди китобҳо то 107 ҳазор ҷилд расида буд [20,с.200].

Дар тадқиқоти Л.Г. Козирева раванди таъсис ва фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ инъикос ёфта, мазкур дар тартиб додани роҳнамои “Китобхонаҳои Тоҷикистон” соли 1978 хизмати арзандаи намудааст. Хусусияти хоси роҳнамои “Китобхонаҳои Тоҷикистон” дар он зоҳир мегардад, ки оид ба таърихи фаъолияти китобхонаи корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷумҳурӣ, фонд ва номгӯи китобҳо пурра ва бо тартиби муайян қайд гардидааст [10,с.304].

Саҳми З.М. Шевченко дар омӯзиши таърихи китобхонаҳои ҷумҳурӣ назаррас буда, қимати асарҳои ӯ дар он арҷгузорӣ мегардад, ки мавсуф марбут ба таҷрибаи китобдории хеш ва истифодаи маводҳои бойгониву оморӣ тавассути усули муқоисавӣ таърихи китобхонаҳо ва китобдории ҷумҳурии замони шӯравиро тадқиқ намудааст [24,с.136]

А.И. Усмонов дар тадқиқоти монографиаш менависад, ки ибтидои солҳои 30 – юм дар ҷумҳурӣ 11 китобхона фаъолият менамуданд, ки барои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии мардум ва маҳви бесаводӣ нокифоя буданд [23,с.484].

1-уми январи соли 1933 дар шаҳри Душанбе китобхонаи ҷумҳуриявии давлатии оммавии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ кушода шуд, ки аз соли 1934 баробари китобхонаҳои калони Иттиҳод ҳуқуқи бепул гирифтани китобро пайдо намуд. Дар аввал фонди китобхона аз 46 920 нусха китоб иборат буд. Инчунин Шуъбаи дастхат таъсис ёфт, ки дар он 244 адад дастнависҳои нодир маҳфуз дошта шудаанд [25,с.372].

С. Муҳиддинов дар асараш оид ба консепсияи рушди фаъолияти собиқ китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ то соли 2012 маълумот додааст [13,с.20].

Дар солҳои аввали барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ барои фаъолияти муассисаҳои маданӣ- равшаннамоӣ, аз ҷумла китобхонаҳо ҳатто дар дурдасттарин минтақаҳои ҷумҳурӣ шароит фароҳам оварда шудааст, ки натиҷаи онро мо дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ роҷеъ ба таърихи таъсис ва рушди китобхона дар минтақаҳои мухталифи ҷумхурӣ иброз медорем.

С. Ғуломшоев дар тадқиқоти диссертатсионӣ ва монографиаш мушкилоти фаъолияти таърихи таъсисёбӣ ва рушди фаъолияти китобхонаҳои минтақаи кӯҳистони ҷумҳуриро дар мисоли ВМКБ дар охири асри XIX – ибтидои асри XX таҳқиқ намудааст. Муаллиф бо истифода аз маводҳои фаровони бойгонӣ ва адабиёти таърихӣ дар баробари мушкилоту муваффақияти китобхонаҳои вилоят, нақши қисмати сарҳадӣ – ҳарбиро дар рушди муассисаи мазкур инъикос намудааст [4, с. 218].

М.Умарова дар тадқиқоти диссертатсиониаш таърихи таъсисёбӣ ва инкишофи фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳуриро дар мисоли ноҳияҳои шимоли Тоҷикиистон (имрӯза вилояти Суғд) дар солҳои 1917-1991, яъне замони шӯравӣ тадқиқ намудааст [22, с. 210]. Муаллиф менависад, ки бо ташаббуси роҳбари уезд С. Ликошин аввалин китобхонаи оммавӣ соли 1910 дар Хуҷанд таъсис ёфтааст [22, с. 21].

М. Изатова дар тадқиқоти диссертатсионӣ таърихи таъсисёбӣ ва фаъолияти китобхонаҳои вилояти Хатлон (собиқ Қурғонтеппа) - ро дар солҳои 1924-2018 таҳқиқ намудааст[6, с. 176]. Роҷеъ ба масъалагузорӣ ва хронология онро ба ду давра, шӯравӣ (с. 1920-1991) ва муосир (баъди соли 1991) ҷудо намудааст. Муаллиф гарчанде таъсиси аввалин китобхонаро дар Кулоб ба солҳои 20 – уми асри XX нисбат медиҳад, аммо бо ибораи дигар таъкид менамояд, ки то соли

1929 ягон китобхонаи оммавӣ дар ҳудуди минтақаи Кӯлоб мавҷуд набуд [6, с. 43]. Мушкилоти асосиро дар вуҷуд надоштани китобхонаҳои маҳаллаҳои аҳолинишин мебинад [6, с. 61].

Соли 1935 фонди китобхонаи ба номи А. Фирдавсӣ ба 80 000 ҷилд расид, ки аз он 300 дастхат буда, 20 000 ҷилд аз Ленинград оварда шудааст. Соли 1935 дар ҷумҳурӣ 325 китобхона бо 506 363 ҷилд китоб фаъолият менамуд [6, с. 67].

Масоили теъдоди китобхонаҳои ҷумҳурӣ дар осори М. Р. Шукуров мавриди омузиш ва таҳқиқ қарор гирифта, аз руи нишондиҳандаҳои муаллиф соли 1933 - 77 ва соли 1935 - 373 ададро дар бар мегирад [26,с.212]. Яъне дар муддати ду сол чанд маротиба миқдори китобхонаҳои ҷумҳурӣ афзун гардид. Бо тақвияти масоил муайян мегардад, ки соли 1940 низ шумораи китобхонаҳои оммавӣ зиёд гардида ба 421 ва миқдори китобҳо ба 495 ҳазор ҷилд расида буданд, ки шаҳодати афзуншавии муассисаҳои мазкур ва фонди китобҳо мебошад [26, с. 217].

Дар ҷумҳурӣ охири соли 1940 - 401 китобхонаи оммавӣ, дорои 495,5 ҳазор нусха китоб фаъолият менамуд [5, с. 293]. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти таърихӣ ба хулосае омадан лозим аст, ки ба анҷом расонидани таҳқиқоти зиёди диссертатсионӣ роҷеъ ба фаъолияти китобхонаҳо аз афзоиш ёфтани теъдоди китобхонаҳо ва баланд гардидани сатҳи маънавии аҳолии ҷумҳурӣ дар давраи шӯравӣ ва соҳибистиқлолӣ шаҳодат медиҳад.

Масъалаи дигаре, ки дар таърихнигории муосир диққати муҳаққиқонро ҷалб намудааст, ин таърихи таъсис ва фаъолияти осорхонаҳо дар ҷумҳурӣ махсуб меёбад. Роҷеъ ба таъсис ва фаъолияти он дар осори бунёдиву дастҷамъонаи “Аз таърихи сохтмони маданӣ дар Тоҷикистон.Ҷ.1 (1924-1941)” [5, с. 672], “Таърихи сохтмони маданӣ дар Тоҷикистон (1917-1977)” [8, с. 472], “Таърихи халқи тоҷик. Ҷ.5 (1917-1941)” [9, с. 752] ва мақолаву таҳқиқотҳои илмии муҳаққиқон дар умум оварда шуда, самтҳои муайян, муваффақияту мушкилоти он пурра баррасӣ нагардидааст.

Дар таҳқиқоти М. Р. Шукуров роҷеъ ба ташкилёбии аввалин осорхона дар Тоҷикистон, асосан шаҳрҳои Ленинобод (имруза Хуҷанд) ва Сталинобод (имруза Душанбе) ба соли 1930 нисбат дода шудааст [26, с. 204]. Бо мазмуни зерин муаллиф ибрози ақида менамояд, ки дар асоси қарори Шурои Комиссариони Халқии ҶШС Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1932 осорхонаи шаҳри Ленинобод ба шуъбаи осорхонаи ҷумҳуриявӣ мубаддал гардида, ба ихтиёри Комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон гузаронида шуд [26, с. 204]. Дар натиҷа муаллиф хулосабарорӣ менамояд, ки чунин раванд боиси баланд гардидани мавқеъ ва аҳамияти осорхона дар ҷумҳурӣ гардид.

Тавассути қарори КМ ҲК (б) Тоҷикистон “Дар бораи осорхона” 9 марти соли 1934 осорхонаи ҷумҳуриявӣ таъсис ёфта, ба муваффақият ноил гардид. Сатҳи дониши маънавии аҳолӣ низ баланд гардида, теъдоди тамошобинони осорхона, ки моҳи октяби соли 1936 2985 нафарро ташкил медоданд, моҳи декабри ҳамин сол ба 9819 нафар расида буд [25, с. 365].

Г. З. Нуров дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масоили таъсисёбӣ ва ташаккули фаъолияти осорхонаҳои Тоҷикистонро дар солҳои 30 – юми асри XX - ибтидои асри XXI мавриди пажуҳиш қарор дода ва қайд менамояд, ки вазифаи асосии осорхонаҳо ҷавобгарӣ ба ҳифзиువмеросҳои фарҳангӣ махсуб меёбад [16,с.3].Муҳаққиқ таъсиси аввалин осорхонаи кишваршиносии Хуҷандро ба соли 1931 ва ифтитоҳи нахустин намоишгоҳро дар Сталинобод ба 1 майи соли 1934, ки натиҷаи он боиси ташкилёбии осорхонаи Марказии Тоҷикистон гардид, нисбат медиҳад [16,с.9]. Дар маҷмӯъ муаллиф ташкилёбӣ ва фаъолияти осорхонаҳои ҷумҳуриро барои ҳифз ва беҳдошти арзишҳои моддии фарҳангӣ муҳим дониста, дар замони соҳибистиқлолӣ низ нақши онро барои баланд бардоштани ҳаёти фарҳангӣ муайян намудааст.

Б. Сафаралиев менависад, ки соли 1933 фаъолияти осорхонаҳои кишваршиносӣ маъмул буда, худи ҳамин сол дар Душанбе, ВМКБ, Қурғонтеппа, соли 1934 Ғарм, Шаҳритуз ва соли 1935 Панҷакенту Кӯлоб таъсис ёфтаанд [19, с.75]. Дар ин самт муҳаққиқ қабули қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистонро аз 16 феврали соли 1937 “Дар бораи фаъолияти осорхонаҳои ҷумҳуриявӣ” мақсаднок дониста, ки дар он камбудиҳои фаъолияти осорхонаҳо низ зикр гардидааст [19, с. 75]. Дар асарҳои таърихӣ баробари дигар масоили фарҳангӣ оид ба фаъолияти осорхонаҳои ҷумҳурӣ маълумоти мухтасар дода шуда, масъалгузорӣ аз нуқтаи назари таърихнигорӣ тадқиқотҳои мукаммали илмиро талаб менамояд.

Ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ фаъолияти муассисаҳои маданӣ – равшаннамоиро ҳамчун самти асосии корҳои идеологӣ махсуб дониста, ки яке аз намудҳои асосӣ ва оммавии он синамо мебошад. Таърихи ташкилёбӣ ва фаъолияти синамои тоҷик аз тарафи С. Прошин, А. Аҳроров,

С. Ҷурабоев, К. И. Назиров, Ш. Арабова ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст, ки натиҷаи таҳқиқоти онҳо дар таърихнигории муосир мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Муҳиммияти таҳқиқоти С. Прошин дар он арзёбӣ мегардад, ки ӯ таърихи санъати синамои тоҷикро даврабандӣ карда, ба се марҳила ҷудо намудааст. Давраи аввал аз рӯи таҳқиқи муаллиф солҳои 1929-1931 – ро дар бар гирифта, махсусиятнокии он дар истеҳсоли синамои хусусӣ, интишори филмҳои кутоҳметраж ва киножурналҳо дар ҷумҳурӣ ифода меёбад [18, с. 3].

Давраи дуюм ба солҳои 1932-1941 нисбат дода мешавад. Роҷеъ ба давраи дуюм муаллиф қайд менамояд, ки соли 1932 баъди ташкили филми бадеии “Вақте, ки амирон мемиранд” дар санъати синамои тоҷик давраи дуюми рушд ба амал меояд, аммо дар арафаи оғози ҷанг хотима меёбад [18,с.4].

Оид ба пешрафти санъати синамои тоҷик қайд намудан зарур аст, ки соли 1934 дуюмин филм «Муҳоҷир» бо ташаббуси коргардон Комил Ёрматов пешкаши тамошобинон мегардад. Моҳи апрели соли 1938 бо қарори ҳукумати Тоҷикистон Идораи синамои ҷумҳурии назди ШКХ ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфт. Баъди таъсиси Идораи синамо дар ҷумҳурӣ 13 кинотеатри шаҳрӣ, ки дар онҳо 5980 нафар ва 25 кинотаетри маҳаллӣ бо ҷалби 4135 коргарон ба мардум хизмат мерасониданд. Соли 1939 кинотеатри зимистона дар Фархор ва тобистона дар Қурғонтеппаву Колхозобод сохта ба истифода дода шудаанд [5, с. 482].

С. Прошин давраи сеюми санъати синамои тоҷикро ба солҳои ҷанг ва даҳсолаи аввали баъдиҷангӣ, яъне солҳои 1941-1955 нисбат дода, роҷеъ ба ташаккулёбӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи мазкур маълумот медиҳад [18,с.4].

Роҳҳои минбаъдаи тараққиёти санъати синамои ҷумҳурӣ, таҷрибаи эҷодӣ ва муваффақиятҳои он дар таҳқиқоти илмии А. Аҳроров ба назар мерасад [1,с.230].

Дар хусуси муҳимияти синамо академик Р. М. Масов қайд намудааст, ки масъалаҳои рузмарравии санъати синамои тоҷик дар даврони мазкур ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон зич иртибот доштанд ва таҷассум мегардиданд [12,с.158].

Оид ба санаи таъсисёбӣ ва фаъолияти синамои тоҷик дар тахқиқоти М. Р. Шукуров оварда шудааст, ки соли 1931 дар Душанбе кинофабрика (киностудия) ташкил ёфт. Илова ба ин дар ҷумҳурӣ солҳои мазкур ду тресми кино “Тоҷикфилм” оид ба истеҳсоли кинофилмҳо ва “Тоҷиккино” барои намоиши синамо вуҷуд дошт. Бояд қайд намуд, ки онҳо то соли 1933 ба сохтори Нозироти халқии саноати сабук шомил буда, 11 феврали соли 1933 бо қарори Шурои комиссариони халқии ИҶШС “Дар бораи азнавсозии саноати фотокинои ИҶШС” саноати кинобарории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз ихтиёри Комиссариатҳои халқии саноати сабук ба ихтиёри Шуроҳои Комиссариони Халқии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дода шуд. Тавассути он трестҳои “Тоҷикфилм” ва “Тоҷиккино” ба ихтиёри Шурои Комиссариати Халқии ҶШС Тоҷикистон гузаронида шуд. Ҳамин тавр, аз соли 1933 кинофабрикаи “Тоҷикфилм” ба истеҳсоли филмҳои бисёртиражаи бадеӣ гузаштанд [26,с.196-197]. Муаллиф камбудиҳои соҳаро дар он мебинад, ки кинофилмҳои истеҳсолкардаи “Тоҷиккино” ва “Тоҷикфилм” ҳақиқатро ҳама вақт дуруст тасвир намекарданд, ки ба он кинофилмҳои “Вахшстрой”, “Калтакдорони сурх”, “Пайраҳаҳои оҳугард”, “Муҳоҷир”, “Худои зинда” ва ғайраҳо шомил мегарданд.

Барои таҳияи кинофилмҳои бадеии “Тоҷиккино” нависандагони ҷумҳурӣ ёрии калон мерасониданд. Ҳамин тавр, киностудияи ҷумҳуриявии “Тоҷикфилм” фаъолияти худро аз кинохроника оғоз намуда, филмҳои бадеиро истеҳсол менамуд. Ба ғайр аз картинаҳои ҳуҷҷатӣ – хроникавӣ “Тоҷиккино” хроникаҳои ҷудогона мебаровард, ки ба он “Душанбе-Сталинобод”, “Рузи кор дар колхоз”, “Роҳҳои Тоҷикистон”, “Тоҷикистони офтобруя” ва “Хоруғ” дохил мешуданд. Муаллиф камбудии ҷиддии санъати синамои ҷумҳурии солҳои 30 – юмро дар паст будани сифати филмҳо, хом ва аз ҷиҳати идеявӣ суст будани намоиш мебинад [26,с.197].

Аз нуқтаи назари М. Р. Шукуров камбудиҳои ҷиддии фаъолияти “Тоҷиккино” ва “Тоҷикфилм” дар он зоҳир мегардид, ки аз ҳисоби намояндагони миллӣ кадрҳо, хусусан муҳандису техникии соҳаи мазкур камтар ба назар мерасид. Инчунин заминаи моддӣ-техникии студияи ҷумҳуриявӣ пурра муҷаҳҳаз набуданд ва миллатчиёни буржуазӣ ба тараққиёти санъати синамои ҷумҳурӣ таъсир расонида, зарари моддии киностудия дар се соли охири панҷсолаи дуюм 3 миллион сӯмро ташкил медод [26,с.198]. Соли 1941 дар ҷумҳурӣ 140 кинотеатр ва киноҳои сайёр амал мекарданд, ки соли 1945 бо сабаби идома ёфтани ҷанг 72 адад кам гардиданд.

Аз тадқиқи асарҳои таърихӣ маълум мегардад, ки дар фаъолияти муасисаҳои маданӣ – равшаннамоии ҷумҳурӣ фаъолияти санъати театри тоҷик мувофиқи ҳадаф буда, баррасии он диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Қадамҳои нахустин дар омӯзиши таърихи театри тоҷик аз охири солҳои 30 – юм ва ибтидои 40 – уми асри XX оғоз гардидааст. Дар ин самт мақолаи Н.И. Лвов "Материалҳо оид ба таърихи театри тоҷик" нахустин буда, муаллиф тавассути мушоҳида ва суҳбат бо ҳайати эҷодии театрҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ, ки соли 1939 ҳангоми сафар ба Сталинобод ба анҷом расонидааст, маълумот медиҳад [11,с.113].

Таърихи театрҳои анъанавии халқи тоҷик, ташкилёбӣ ва рушди театрҳои касбии то давраи ҷанг дар осори Н.Х. Нурҷонов инъикос ёфтааст. Муаллиф бо истифодаи маводҳои фаровон, мушаххас раванди ташкилёбии фарҳанги маънавии халқӣ ва санъати театрро таҷассум намудааст. Тадқиқоти муҳаққиқ таърихи заминаи ташаккулёбии театри халқӣ ва ба театри касбӣ мубаддал гардидани он, намуд, сабк, шакл ва раванди онро фаро мегирад [15,с.16-17].

Г. Гоян нақши маҳфилҳоро дар рушди санъати театр мақсаднок маҳсуб донистa, қайд менамояд, ки бо ташаббуси муаллимон аввалин маҳфили худфаъолиятӣ соли 1917 дар Хуҷанд ташкил ёфтааст [3,с.14].

Н.Х. Нурҷонов оид ба фаъолияти дастаҳои эҷодии санъату мусиқӣ дар уезди Хуҷанд, аз ҷумла Қистакуз, Исфисор ва ноҳияи Конибодом дар солҳои 1925-1926 маълумот медиҳад [15, с. 61].

Н.Ҳ. Нурҷонов дар ҷилди аввали монографияаш "История таджикского советского театра (1917-1941 гг.)" бо истифодаи маводи фаровони бойгонӣ роҳҳои мураккаби таъсис ва рушди санъати театри тоҷикро тавассути тартиби солномавии таърихӣ инъикос намудааст. Бахусус, диққати муаллиф ба масъалаҳои ташкилёбии театри шуравии тоҷик, барқароршавии театри касбӣ, театри драмавии тоҷик, бартараф намудани мушкилоти рушди минбаъда, бо роҳи ҳақиқати сотсиализм, театри мусиқии тоҷик, натиҷаи даҳаҳо, театри мусиқӣ-драмавии Ленинобод ва ноҳиявию вилоятӣ ва худфаъолиятӣ равона гардидааст [15,с.471].Муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар солҳои 1917-1941 театри тоҷик таъсис ёфта, рушд намуд, инчунин театри навро бо иртибот ба фарҳанги халқу миллиатҳои дигари собиқ шуравӣ ба амал оварда, ба маданияти ягонаи сотсиалистӣ муттаҳид гардид. Дар натиҷа жанрҳои гуногуни театр ба вуҷуд омада, дар саҳна нақши қаҳрамони мусбат дар симои одами нави дорои ҷаҳонбинии васеъи маънавӣ ба амал омад. Дар заминаи театри анъанавии халқӣ театрҳои касбии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд [15,с.429].

М. Назаров дар тадқиқоти диссертатсионии хеш роҷеъ ба ташкилёбии театрҳои давлатӣ дар Қистакӯз ( имрӯза Хистеварз), Ашт, Исфара, Ӯротеппа (имрӯза Истаравшан), Конибодом, Панҷакент, Шаҳринав, Орҷоникидзеобод (Имуза Ваҳдат), Қурғонтеппа (Имрӯза Бохтар), Куктош (имрӯза Рӯдакӣ), Кӯлоб, Ғарм (имрӯза Рашт) ва Хоруғ дар солҳои 30 – юми асри XX маълумот медиҳад [14, с. 7].

Дар маҷмӯъ бо таҳлили адабиёти таърихӣ ба хулосае омадан лозим аст, ки таърихи театри тоҷик дорои заминаи бойи миллӣ – анъанавӣ буда, ки натиҷаи он боиси рушди театри касбӣ дар Тоҷикистон гардидааст. Мубрамияти таҳқиқи таърихи театри тоҷик дар таърихнигории ватанӣ мавқеи муҳимро касб намудааст.

*Дар натиҷаи омӯзиш* ва таҳқиқи маҷмӯии адабиёти таърихӣ маротибаи нахустин аз назари таърихнигорӣ ба хулосае омадан лозим аст, ки самтҳои фарҳангии ҶШС Тоҷикистон гуногунҷанба буда ва то андозае тавассути масъалгузории мушаххас ба таҳқиқот кашида шуда бошанд ҳам, аммо тадқиқи баъзе масъалаҳои он ҳанӯз номукаммал аст. Аз натиҷа ва навгониҳои таҳқиқотҳои илмӣ маълум мегардад, ки солҳои 30 – юм фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии ҷумҳурӣ дар шароити рушди босуръати сохтмони ҷамъияти нав рӯ ба тараққӣ оварда аст.

Тавассути усули муқоисавии хронологӣ – масъалагузорӣ бори нахуст самтҳои фарҳангии Тоҷикистонро бо фарогирии маҷмӯӣ ва таҳлили адабиёти таърихӣ, бахусус фаъолияти муассисаҳои маданӣ – равшаннамоиро мавриди таҳқиқ қарор додем ва ошкор гардид, ки сиёсати замони шуравӣ баҳри пешрафти фаъолияти муассисаҳо аз қабили чойхонаҳои сурх, китобхонаҳо, осорхонаҳо, синамо ва санъати театр бетаъсир набуда, мавриди таваҷҷӯҳи хосе қарор гирифтааст.

Аз ин ҷиҳат ба хулосае омадан лозим аст, ки фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии ҷумҳурӣ дар солҳои 1929-1941 дар шакли алоҳида ба таҳқиқоти илмӣ кашида нашудааст. Дар раванди таҳлили асарҳо ба адабиёти илмӣ – тадқиқотие такя гардид, ки ҳаёти фарҳангиро дар

масъалагузории умум ва чорчубаи хронологии мухталиф инъикос намудаанд. Аз таҳлили таърихнигории адабиёти таърихӣ натиҷагирӣ намудем, ки фаъолияти чойхонаҳои сурх ва клубҳо дар шакли алоҳидагӣ мавриди тахқиқ қарор нагирифтааст.

Дар таҳқиқи таърихи санъати театри тоҷик саҳми муҳаққиқ Н.Ҳ.Нурҷонов дар таърихнигории ватанӣ муайян гардид.

Фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он гарчанде дар шакли алоҳида ба тадқиқот кашида шуда бошанд ҳам, аммо тамоми мушкилоти соҳа аз тарафи муаллифон баррасӣ нагардидааст.

Роҷеъ ба таърихи таъсис ва фаъолияти осорхонаҳои ҷумҳурӣ солҳои 30 – юми асри XX ибтидои асри XXI тадқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Г.З. Нуров ба анҷом расонида шуда бошад ҳам, аммо таърихи осорхонаҳои минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон ба тадқиқоти алоҳидаи илмӣ ниёз дорад.

Тавассути таҳлили таърихнигории таърихи фарҳанги пешазҷангии ҷумҳурӣ дар охири солҳои 20-ум – ибтидои 40 – уми асри XX бори нахуст бо фарогирии адабиёти таърихӣ то андозае як қатор душворию мушкилот, ба мисли нарасидани мутахассисони касбии маҳаллӣ, мавҷуд набудани базаи моддию техникӣ, нокифоягии маблағгузорӣ, фишори идеологии мақомоти ҳизбӣ ва таъсири диндорону руҳониёни маҳаллӣ ошкор гардид.

Бо таҳлил ва муқоисаи адабиёти таърихӣ афзудани шумораи муассисаҳои фарҳангӣ, илмӣ, маърифатӣ ва фаъолияти мактабҳои маҳви бесаводӣ, курсҳои кутоҳмуддат ва сафарҳои фарҳангиро дар солҳои аввали барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ муайян намудем. Ҳамин тавр, то андозае тавассути усули муқоисавии таҳлили маҷмӯии асарҳои таърихӣ аз назари таърихнигорӣ масоили гуногунҷанбаи фарҳангии ҶШС Тоҷикистонро мавриди омузиш қарор дода, ба хулосае омадем, ки инъикоси баъзе масъалаҳо аз назари муҳаққиқон дар канор мондааст, ки идомаи тадқиқоти он дар таърихнигории муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол аз аҳамият холӣ нест.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Ахроров, А. Таджикское кино (1929-1969 гг.). Монография/А.Ахроров.-Душанбе:Дониш, 1971. - 230 с.
2. Вишневский, А.Я. Ленинская национальная политика в действии. Монография / А.Я.Вишневский. - Душанбе: Дониш, 1982. - 247 с.
3. Гоян, Г. Театр, рожденный Октябрем (История таджикского драматического искусства)/ Г.Гоян.–Сталинабад, 1943. – С.14.
4. Гуломшоев, С.А. История библиотечного дела на Памире: монография / С.А. Гуломшоев. – Душанбе, 2009. – 218 с.
5. Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924-1941 гг. /Сб. документов. - Т. 1. – Душанбе: Ирфон, 1966. - 672 с.
6. Изатова, М. К. Становление и развитие библиотечного дела в Хатлонской области Республики Таджикистан (1924-2018 гг.).: дисс…канд.ист.наук: 07.00.02 / Изатова М. К. – Душанбе. 2021. – 176 с.
7. История Горно-Бадахшанской автономной области. Т. 2. Новейшая история. – Душанбе: Пайванд, 2005. – 351 с.
8. История культурного строительства в Таджикистане (1917-1977 гг.) / отв. ред. П.М. Марсаков. – Душанбе: Дониш, 1983. – Т.2. – 472 с.
9. История таджикского народа. Новейшая история (1917-1941 гг.). Т. V. / Под общ. ред. акад. Р.М. Масова. – Душанбе: Империал – Групп, 2004. – 752 с.
10. Козырева, Л.Г. Книжное дело Таджикистана: монография / Л.Г. Козырева. – Душанбе, 1980. – 304 с.
11. Львов, Н.И. Материалы к истории таджикского театра/Н.И.Львов// Государственный центральный театральный музей имени А. Бахрушина.-М., Л.: Искусство, 1941. – С.113.
12. Масов, Р. М. Историография Советского Таджикистана (1917-1975). Монография / Р. М. Масов. – Душанбе: Дониш, 1978. – 200 с.
13. Мухиддинов, С.Р. Концепция развития Национальной библиотеки РТ им. Абулкасыма Фирдавси до 2010 г. / С.Р. Мухиддинов. – Душанбе, 2001. – 20 с.
14. Назаров, М. Развитие профессионального театрально-музыкального искусства в Таджикистане/Автореферат. канд. дисс./М.Назаров.– Душанбе, 1965. – 25 с.
15. Нурджанов, Н. Х. История таджикского советского театра (1917-1941 гг.): монография / Н. Х. Нурджонов. – Душанбе: Дониш, 1967. - 471 с.

16.Нуров, Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30 годы XX – начало XXI вв.). Автореферат канд… ист. наук//Г.З.Нуров.–Душанбе, 2011. – 27 с.
17.Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана.-Душанбе:Ирфон,1980.-Т.1.- 312 с.
18.Прошин, С. Очерки истории таджикского художественного кино. Монография / С. Прошин. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1960.-96 с.
19.Сафаралиев, Б.С. Из истории социально-культурной деятельности в Таджикистане (1917-1941 гг.): монография/Б.С.Сафаралиев.–Душанбе: Аржанг, 2016. – 212 с.
20.Таджикистан за 40 лет. - Душанбе: Статистика, 1964. – *242 с.*
21.Ҳайдаров, Ғ. Ҳ. История таджикского народа: XX век. Монография / Хайдаров Х. Г. – Худжанд, 2001. – С.187.
22.Умарова, М. Становление и развитие библиотечного дела в Таджикистане: 1917-1991 гг. (на примере Северных районов республики): дис. … канд. ист. наук. – Худжанд, 2021. – 210 с.
23.Усманов, А.И. Развитие духовной культуры таджиков в XX веке: монография / А.И. Усманов. – Худжанд: Ношир, 2012. – 484 с.
24.Шевченко, З.М. Из истории библиотечного дела в Таджикистане: монография / З.М. Шевченко. – Душанбе: Дониш, 1968. – 136 с.
25.Шукуров, М. Р. История культурной жизни Советского Таджикистана (1917-1941 гг.). Ч.1. Монография/М.Р.Шукуров.–Душанбе:Ирфон,1970.–494 с.
26.Шукуров, М. Р. Революцияи маданӣ дар Тоҷикистон.Монография/М.Р.Шукуров. - Сталинобод: Нашр.дав.тоҷик, 1957. – 340 с.

**REFERENCES:**

1. Ahrorov A. Tajik cinema (1929-1941). Monograph/A. Ahrorov.–Dushanbe: Donish, 1971. - 230 p.
2. Vishnevsky A. Ya. Lenin`s national politics and action. Monograph / A. Ya. Vishnevsky. - Dushanbe: Donish, 1982. - 247 p.
3. Goyan G. Theatre, October's born (The history of tajik dramatic art) \ G.Goyan. - Stalinabad, 1943. - 14 p.
4. Gulomshoev S.A. The history of library works on Pamir: monograph / S.A Gulomshoev. - Dushanbe, 2009. - 218 p.
5. From the history of cultural construction in Tajikistan in 1924-1941/Sat. document. – Ch.1. - Dushanbe: Irfan, 1966. – 672 p.
6. Izatova M.K. Formation and development of librarianship in Khatlon region Republic of Tajikistan 1924-2018 dis. con. hist. sciences/M.K.Izatova.–Dushanbe, 2021. – 176 p.
7. History of Gor no-Badakhshan autonomous region.P.2.New history.-Dushanbe:Paivand,2005.-351 p.
8. History of cultural construction in Tajikistan (1917-1977) / editored by. P.M. Marsakov. - Dushanbe: Donish, 1983. – Volume 2. - 472 p.
9. History of the Tajik people. New history (1917-1941). P.V. / editored by. Acad. R. M. Masova. Dushanbe: Imperial Crop, 2004. – 752 p.
10.Kozireva L.G Tajikistan's book deal: monograph / L.G Kozireva.-Dushanbe, 1980. – 304 p.
11.Lvov N.I. The materials to history of tajik theatre // State central theatrical museum named after Bakrushina. M:. L. Art, 1941.-113 p.
12.Masov R.M. Historiography of Soviet Tajikistan (1917-1975). Monograph / R. M. Masov. - Dushanbe: Donish, 1978. – 200 p.
13.Muhiddinov S.R. Concept of the development of National library of Republic of Tajikistan by name Abulqasima Firdausi to 2010 year / S.R Muhiddinov. - Dushanbe, 2001. – 20 p.
14.Nazarov M. Development professional theatrical-music art in Tajikistan / Abstract. M. Nazarov. - Dushanbe, 1965.-25 p.
15.Nurdjanov N. Kh. History of the Tajik Soviet theatre (1917-1944 years) monograph / N. Kh Nurdjanov. - Dushanbe: Donish, 1967. – 471 p.
16.Nurov G.E. Formation and development of museum affairs in Tajikistan (30 years of XX – beginning of XXI century).Read the abstract…stop.science/G. E. Nurov. – Dushanbe, 2011. – 27 p.
17.Essay on the history of the Communist Party of Tajikistan.-Dushanbe:Irfan,1980.-Volume1.-312 p.
18.Proshin S. Essay on the history of Tajik art cinema. Monograph / S. Proshin. Thank you. – Stalinabad: Tajikgosizdat, 1960. – 96 p.
19.Safaraliev B.S. From history of social-cultural activity in Tajikistan (1917-1941year): monograph / B.S. Safaraliev. - Dushanbe: Arzhang, 2016. - 212 p.
20.Tajikistan during 40 years. – Dushanbe: Statistics, 1964. – 242 p.

21. Haydarov G.H. History of the Tajik people: XX century. Monograph / G.H. Haydarov. – Khujand, 2001. – P.187.
22. Umarova M. Formation and development library deal in Tajikistan:1917-1991years (on example of North regions of the republic):. dis. cand. hist. sciences / M. Umarova. – Khujand, 2021. – 221 p.
23. Usmonov A. I. Development of Tajiks` spiritual culture in XX years / A.I. Usmonov. – Khujand: Noshir, 2012. – 484 p.
24. Shevchenko, Z. M. From history of literary deal in Tajikistan / Z.M. Shevchenko. - Dushanbe: Donish, 1968. – 136 p.
25. Shukurov, M.R. History of cultural life of Soviet Tajikistan (1917-1941). Chapter 1. Monograph / M.R. Shukurov. – Dushanbe: Irfan, 1970. – 494 p.
26. Shukurov, M.R. Culture revolution in Tajikistan. Monograph / M.R. Shukurov. - Stalinabad: Nashrdavtojik, 1957. – 340 p.